Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-63 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон(суроға: ш.Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5, E-mail: www.iutet.tj , info@iutet.tj)

# ТАҚРИЗ

ба автореферате **диссертатсияи** Азиззода Маҳваш Абдулҳаким дар мавзуи: «Идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.26 - маркетинг)

Мавзуи таҳқиқоти пешниҳодшуда ба масъалаҳои муҳими рушди иқтисодиёти аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, дар шароити муносибатҳои бозорӣ аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ дорад. Дар шароити муосир баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидории кишоварзӣ бе истифодаи механизмҳои муосири маркетингӣ ва такмили низоми идоракунии онҳо ғайриимкон мебошад. Аз ин рӯ, интихоби мавзуъ аз ҷониби муаллиф саривақтӣ ва мубрам арзёбӣ мегардад.

Дар таҳқиқот асосҳои назариявӣ ва методологии идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар бахши кишоварзӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Муаллиф назария ва консепсияҳои олимони ватанию хориҷиро доир ба масъалаҳои маркетинг ва агромаркетинг таҳлил намуда, моҳият, вазифаҳо ва нақши маркетингро дар рушди устувори соҳаи кишоварзӣ муайян кардааст. Дар натиҷа муносибати илмии муаллиф нисбат ба идоракунии фаъолияти маркетингӣ шакл гирифта, пешниҳодҳои асосноки илмӣ манзур гардидаанд.

Ҷиҳати муҳими таҳқиқот дар он аст, ки вазъи воқеии рушди кишоварзӣ ва фаъолияти маркетингӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси маълумоти оморӣ таҳлил шудааст. Нишондиҳандаҳои истеҳсолот, истеъмол, фурӯш, воридоту содирот, нархгузорӣ ва рушди бозори маҳсулоти кишоварзӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, мушкилоти асосии фаъолияти маркетингӣ ошкор

карда шудаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки имкониятҳои мавҷудаи бозор ҳанӯз пурра истифода намешаванд ва зарурати ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунии маркетингӣ вуҷуд дорад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили механизми идоракунии фаъолияти маркетингӣ, рушди низоми агромаркетинг ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои кишоварзӣ ифода меёбад. Пешниҳодҳои муаллиф ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, мутобиқ намудани ҳаҷм ва сохтори истеҳсолот ба талаботи бозор, беҳтар намудани таъминоти иттилоотӣ ва рушди инфрасохтори бозори аграрӣ равона гардидаанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд аз ҷониби мақомоти давлатӣ, сохторҳои идоракунии соҳаи кишоварзӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидории аграрӣ ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди соҳа, стратегияҳои маркетингӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ истифода шаванд.

Аз омӯзиши автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф масъалаҳои назариявӣ ва амалии мавзӯи таҳқиқшавандаро ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор дода, аз доираи васеи адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои оморӣ истифода намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси таҳлили амиқи маълумотҳои дастрас ба даст оварда шуда, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии мантиқӣ ва асоснок пешниҳод гардидаанд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбати таҳқиқот бояд қайд намуд, ки ҳар як кори илмӣ аз баъзе нуқсонҳо ва масъалаҳои баҳсталаб холӣ буда наметавонад. Аз ин лиҳоз, дар рисолаи мазкур низ баъзе ҷанбаҳо ба такмил ва таҳқиқи минбаъда ниёз доранд, аз ҷумла:

– дар баъзе қисматҳои кор тавсияҳои пешниҳодшуда хусусияти умумӣ дошта, механизми татбиқи амалии онҳо дар сатҳи субъектҳои алоҳидаи хоҷагидории кишоварзӣ ба таври кофӣ мушаххас карда нашудааст;

- дар кори илмӣ хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад, агар онҳо аз ҷониби муаллиф бозбинӣ мегардид, кори илмӣ юоз ҳам беҳтар мегардид:

- хамзамон дар раванди тадқиқоти илмӣ, он ранги дигар мегирифт агар ба самти рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳ зоҳир мегардид.

Бо вуҷуди ин эрод хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

Хулоса: Автореферати диссертатсионии Азиззода Маҳваш Абдулҳаким дар мавзӯи «Идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи муқarrаргардида барои корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Натиҷаҳои бадастомада, хулосаҳо ва пешниҳодҳои таҳияшуда дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, барои такмили механизми идоракунии фаъолияти маркетингӣ ва рушди соҳаи аграрии кишвар аҳаммияти муҳим доранд.

Бо дарназардошти сатҳи таҳлили илмӣ, асоснокии натиҷаҳо ва аҳаммияти амалии пешниҳодҳои муаллиф, метавон қайд намуд, ки Азиззода Маҳваш Абдулҳаким сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.26 – маркетинг) мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои иқтисодӣ,
директори МД “Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони низоми меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Қаюмӣ Ш.Т.

Имзои Қаюмӣ Ш.Т. - ро тасдиқ менамоям,
мудири бахши кадрҳо ва ҳуқуқ — Зеварова Ҷ.

Суроға: 734033, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи Борбад – 71,
mti-2015@mail.ru